## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, Душанбе, 2025**

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф аз лиҳози илмӣ ва амалии худ ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад. Омӯзиши сиккаҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ яке аз бахшҳои муҳим ва камтаҳқиқшудаи илми таърих дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон дорои коллексияи ғании сиккаҳои қадима мебошад, таҳқиқи онҳо барои равшан сохтани ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давраҳои қадим аҳамияти вижа дорад.

Муаллиф тавонистааст мавзӯи интихобнамудаи худро бо диди илмии васеъ ва бо истифода аз усулҳои муосири таҳлил амалӣ созад. Рисола дорои мундариҷаи бой буда, асоси маълумоти он аз таҳқиқи мустақими коллексияи сиккаҳои Осорхонаи миллӣ, адабиёти илмии дохиливу хориҷӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ иборат аст.

Рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, ҳаҷман 181 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи сиккаҳои қадим ва ибтидои асримиёнагии мавҷуд дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, як силсила хулосаҳои дорои аҳамияти баланди илмӣ ба даст омаданд, ки на танҳо навгонии таҳқиқот, балки муҳим ва саривақт будани мавзӯъро собит менамоянд. Таҳқиқоти мазкур бо истифода аз усулҳои муосири таҳлилӣ ва муқоисавӣ дар заминаи нумизматикӣ, саҳми намоён дар рушди соҳаи сиккашиносӣ ва сарчашмашиносии таърихии Осиёи Миёна гузошта, паҳлӯҳои муҳими таърихи сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи мавриди омӯзишро бо далелу арқоми муътамад рӯшан намудааст. Ин пажӯҳиш, бо дарназардошти аҳамияти илмиву амалӣ, заминаи устувор барои таҳқиқоти минбаъда ва истифодаи натиҷаҳо дар фаъолияти илмӣ,

таълимӣ ва осорхонавӣ мебошад. Аз ин рӯ, мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)», ки аз ҷониби муҳаққиқ Каримдодзода Миралӣ Замон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, дар замони муосир як амри муҳми ва зарурист.

Таҳқиқот нишон дод, ки ганҷинаи сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз се манбаи асосӣ ба вуҷуд омадааст, ки ҳар кадом нақши муҳим дар шаклгирии фонди нумизматикӣ ва бой намудани коллексия доранд. Аввалан, 2165 адад сиккаҳо тавассути харидҳои мақсаднок ва муомилоти бозорӣ ҷамъ оварда шудаанд. Дуюм, 363 адад сиккаҳо натиҷаи ковишҳои систематикӣ ва тартибёфтаи бостоншиносӣ мебошанд, ки илова ба ганҷинаи музей маълумоти таърихию географӣ медиҳанд. Сеюм, 252 адад сиккаҳо ҳамчун ҳадия ва хайрия аз ҷониби шахсони алоҳида ба Осорхона супорида шудаанд, ки ин нишонгари ҳамкории густурдаи муассиса бо ҷомеа мебошад.

Дар маҷмӯъ, фонди нумизматикии Осорхона 2780 сиккаро дар бар мегирад, ки ба чанд давраи таърихӣ мансубанд: аз ҷумла як сикли нуқраи аҳди Ҳахоманишиён, панҷ сиккаи давраи юнонӣ-мақдунӣ, 112 сиккаи юнонӣ-бохтарӣ (тетрадрахма, драхма, халк, обол), 2551 сиккаи давраи Кушониён (динор, тетрадрахма, драхма, обол), ва 58 сиккаи давраи Кушонӣ–Сосонӣ ва Сосонӣ.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия Каримдодзода Миралӣ Замон бар меояд, ки таҳқиқоти мазкур як кори ҳамаҷониба, илман асоснок ва дорои арзиши баланд мебошад. Муаллиф бо таҳлили амиқ ва истифодаи манбаъҳои сершумор тавонистааст нақши сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистонро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқӣ тоҷик нишон диҳад. Бо назардошти аҳамияти мавзуъ, сатҳи баланди таҳқиқот, навоварӣ ва асоснокии натиҷаҳо, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии

Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» ба талабот ва меъёрҳои мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Сафаров Х.Х.

**Суроғаи расмӣ:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.: (+83322) 2-35-06; Почтаи электронӣ: inafo@kgu.tj.

Имзои Сафаров Х.Х.–ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«20» 11 2025